**аз 07.05.2020 №221**

«Илова ба Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 12.07.2017, №316 «Дар бораи тасдиқи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон»

Бо мақсади мавриди амал қарор додани муқаррароти Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон аз 02.01.2020, №1680 «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2020, №1681 «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», мутобиқи талаботи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августа соли 2012, №456 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дар Стандарта ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар сутуни 6 (Арзиши хизматрасонӣ) рамзхои 02.02.02, 02.02.03, 02.02.04, 02.02.05, 02.02.06, 02.02.07, 02.02.08, 02.02.09, 02.02.10, 02.02.11, 02.02.12 калимаҳои «Боҷи давлатӣ: а) 2-НБҲ; б) l-НБҲ; в) 2 -НБҲ», «Боҷи давлатӣ: 50 фоизи боҷ барои бақайдгирии таъсисёбй», «Боҷи давлатӣ: 25- НБҲ барои ташкилотҳои тиҷоратӣ, 7-НБҲ барои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ», «Боҷи давлатӣ: 25-НБҲ», «Боҷи давлатӣ: 2-НБҲ», «Боҷи давлатӣ: а) 2-НБҲ; б) ройгон» ба калимаҳои «Ройгон анҷом дода мешавад» иваз карда шаванд.

2. Фармоиши мазкур дар нашрияи расмии Кумитаи андоз Рӯзномаи « Боҷу хироҷ» ба табъ расонида шуда, дар сомонаи Кумитаи андоз (www. andoz.tj) ҷойгир карда шавад.

3. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба сарраёсатҳо ва раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раиси Кумитаи андоз Маликзода Н. вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода

**аз 12.07.2017 №316**

«Дар бораи тасдиқи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон»

Бо мақсади дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, мутобиқи талаботи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №456 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар таҳрири нав тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Риояи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ҳангоми муносибат бо андозсупорандагон аз ҷониби ҳамаи воҳидҳои сохтории мақомоти андоз ҳатмӣ мебошад.

3. Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати такмили стандартҳои муқарраргардида, алалхусус ҳангоми тағйир ёфтани қонунгузории андоз ба Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон таклифҳо пешниҳод намоянд.

4. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, НАК, НАМ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дастрас намояд.

5. Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар нашрияи расмии Кумитаи андоз - ҳафтаномаи «Боҷу хироҷ» ба табъ расонида шавад.

6. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон фармоиши мазкурро дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир намояд.

7. Фармоиши Кумитаи андоз аз 27.11.2013, № 336 «Дар бораи тасдиқи Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон» аз эътибор соқит дониста шавад.

8. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раиси Кумитаи андоз Юсуфӣ П.С. вогузор карда шавад.

Раис Давлатзода Н.М.

**аз 01.02.2019, №45**

«Илова ба Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 12.07.2017, №316 «Дар бораи тасдиқи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон»»

Бо назардошти музднок муайян гардидани арзиши хизматрасонии пайвастшавии субъектҳои хоҷагидор барои пешниҳоди эъломияҳои андоз ба тариқи электронӣ, мутобиқи талаботи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №456 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дар сутуни 6 (Арзиши хизматрасонӣ)-и рамзи 07.07.01. (Додани калид ва рамз оиди пешниҳоди эъломияҳо дар шакли электронӣ)-и Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон калимаи «Ройгон анҷом дода мешавад» хориҷ карда шуда, калимаи «Вобаста ба намуди хизматрасонӣ ба муҳлати 3 сол:

а) Муаллифкунонии мобилӣ;

- корхонаи давлатӣ – 110 сомонӣ;
- дигар субъектҳо 128 сомонӣ

б) Муаллифкунони бо тариқи еТокен барои корхонаҳои дар низоми умумӣ фаъолиятдошта;

- корхонаи давлатӣ (дар ҳолати тамдид) – 300 сомонӣ;
- дигар субъектҳо 350 сомонӣ» илова карда шавад (ҷадвал замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур дар нашрияи расмии Кумитаи андоз ҳафтаномаи «Боҷу-хироҷ» ба табъ расонида шуда ва дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир карда шавад.

3. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раиси Кумитаи андоз Исмоилзода Х.И. вогузор карда шавад.

Раис Давлатзода Н.М.

Замимаи № 1
бо фармоиши Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «12» июли соли 2017, № 316
тасдиқ карда шудааст.

***Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон***

бо мақсади баланд бардоштани тафаккури андозсупорандагон дар муносибатҳои андозӣ ва дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон қабул гардидааст.

***1. Муқаррароти умумӣ***

1.1. Санади мазкур Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагонро муайян менамояд (минбаъд – СЯХА).

1.2. Иҷрои СЯХА барои ҳамаи воҳидҳои сохтории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кумитаи андоз) ҳатмӣ мебошад.

1.3. Назорати риояи талаботи СЯХА дар воҳидҳои сохтории мақомоти андоз аз ҷониби Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андоз амалӣ карда мешавад.

***2. Сохтор ва таркиби СЯХА***

2.1. СЯХА номгӯи хизматрасонӣ ва тартиби ба андозсупорандагон пешниҳод намудани хизматрасониҳоро дар бар мегирад.

2.2. Дар СЯХА хизматрасониҳои Кумитаи андоз дар ***Шакли ҷадвал*** (Замимаи 2 ба фармоиш) муқаррар гардидааст.

2.3. Ҳар як хизматрасониҳои Кумитаи андоз, ки дар СЯХА дохил карда шудааст, як сатрро дар бар гирифта, сохтораш чунин мебошад:

-рамзи хизматрасонӣ;

-номгӯи хизматрасонӣ;

-муҳлати иҷрои хизматрасонӣ;

-тартиби пешниҳод намудани хизматрасонӣ ба андозсупоранда;

-санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизматрасониро ба танзимдароранда;

-арзиши хизматрасонӣ;

- масъули хизматрасонӣ.

## *3.Мундариҷаи хизматрасониҳои СЯХА*

3.1. Ҳамаи хизматрасониҳои Кумитаи андоз, ки дар СЯХА дохил карда шудаанд ба намудҳои зерин гуруҳбандӣ карда мешаванд:

1) Оиди баҳисобгирии андозсупорандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузоштан дар баҳисобгирӣ – ба қайди андозӣ - (01.00.00.);

2) Оиди бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ - (02.00.00.);

3) Оиди бақайдгирӣ ва бекор кардани шаҳодатномаи андоз аз арзиши иловашуда ва додани тамғаҳои аксизӣ - (03.00.00.);

4) Оиди баҳисобгирии (бақайдгирии) объектҳои андозбандӣ (андозҳо аз молу мулки ғайриманқул, воситаҳои нақлиёт) ва объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд - (04.00.00.);

5) Оиди бақайдгирӣ ва аз қайд баровардани мошинаҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ (МНХ) - (05.00.00.);

6) Оиди қабули эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз - (06.00.00.);

7) Оиди хизматрасониҳои электронӣ - (07.00.00.);

8) Оиди додани маълумотномаҳо дар бораи ҳолати ҳисоббаробаркунӣ бо буҷети давлатӣ, тартиб додани санади муқоисавӣ ва ғ.-(08.00.00.);

9) Оиди додани маълумотнома дар бораи маблағҳои даромадҳои гирифташуда аз сарчашмаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андозҳои нигоҳдошташуда-(09.00.00.);

10) Оиди додани хулоса ҷиҳати баргардонидан ва ё баҳисобгирии маблағи барзиёд пардохташудаи андозҳо, фоизҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет - (10.00.00.);

11) Оиди додани тасдиқнома ҳангоми содироти алюминияи аввалия - (11.00.00.);

12) Оиди бақайдгирии объектҳои бизнеси бозӣ - (12.00.00.);

13) Оиди гузариш аз як низоми андозбандӣ ба низоми дигари андозбандӣ - (13.00.00);

14) Оиди пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳотӣ (аризаҳои даъвогӣ) - (14.00.00.).

15) Оиди баррасии муроҷиатҳои андозсупорандагон - (15.00.00.).

3.2. Дар ҳолатҳои зарурӣ бо пешниҳодҳои асосноки Раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупоранда тибқи Тартиби муқарраргардида, рӯйхати намудҳои СЯХА мумкин аст тағйир дода шавад.

## 4. *Принсипҳои корӣ*

4.1. Принсипҳои корӣ мутобиқи СЯХА дар мақомоти андоз инҳо мебошанд:

1) пешниҳод намудани маълумотҳои пурра оид ба ҷараёни хизматрасонӣ ба андозсупорандагон;

2) риояи ҳуқуқҳои андозсупорандагон ҳангоми хизматрасонӣ;

3) хушмуомилагӣ ва риояи одоби хазматчии давлатӣ;

4) нигоҳдорӣ, ҳимоя ва таъмини сири маълумот, ки андозсупорандагон пешниҳод намудаанд.

## 5. *Натиҷаҳои корӣ*

5.1. Баҳогузории натиҷаҳои хизматрасонии давлатӣ ба андозсупорандагон ва дастрасии онҳо ба хизматрасониҳо бо мониторинги нишондиҳандаҳои сифатӣ муайян карда мешавад.

5.2. Нишондиҳандаҳои сифатӣ ва дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ, ки бо воситаи онҳо фаъолияти мақомоти андоз баҳогузорӣ карда мешавад, ҳар сол як маротиба баҳогузорӣ гардида, дар ҳафтаномаи «Боҷу хироҷ» нашр мегардад ва дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир карда мешавад.

## 6. *Тартиби шикоят намудан*

6.1. Шикоят нисбати амали (бе амалии) кормандони масъули мақомоти андоз, ки ба андозсупорандагон хизмат мерасонанд, бо таври интихобӣ мумкин аст бо роҳҳои зерин амалӣ гардад:

1) муроҷиатҳо ба Кумитаи андоз, ки дар суроғаи ш. Душанбе, к. Н.Қарабоев 42 ҷойгир аст;

2) муроҷиатҳо ба сардорони мақомоти андози ҷойи баҳисобгирӣ, ё ин ки ба раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе;

3) пур кардани варақаҳои (бланкаҳои) махсуси пурсиши ақидаи андозсупорандагон оид ба сифати хизматрасонӣ, ки дар сомонаи Кумиатаи андоз (www.andoz. tj) ҷойгир карда шудааст. Варақаҳои пур карда шуда ба сандуқи махсуси арзу шикоятҳо, ки дар Кумитаи андоз ва Раёсатҳои андоз дар вилоятҳои ВМКБ, Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе мавҷуд аст, ҷамъ оварда мешаванд;

4) тавассути сандуқи арзу шикоятҳои Бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар ҷойи бақайдгирӣ;

5) муроҷиатҳо ба телефони «боварӣ»-и Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз: ба рақами соддакардашудаи «151» ва «152» - бахши иттилоотӣ (Callcenter) 2330686;

6) муроҷиатҳо бо почтаи электронии Кумитаи андоз mail. andoz tj.

6.2. Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи қабули арзу шикоят ба амали (бе амалии) корманди масъули мақомоти андоз дар мавриди шахсан ташриф овардани андозсупоранда ба шуъбаҳои умумӣ нусхаи дувуми шикоятнома, ки дар он ному насаби қабулкунанда, имзо, санаи қабул ва муҳр гузошта мешавад эътироф мегардад.

Дар мавриди таввасути почта (аз ҷумла электорнӣ) қабул намудани арзу шикоят, санаи қабул ва гузоштани муҳри воридоти шуъбаҳои умумии мақомоти андоз мебошад.

6.3. Арзу шикоят ба амали (бе амалии) кормандони масъули мақомоти андоз боназардошти қонунгузории амалкунанда дар мухлатҳои муқарраргардида баррасӣ гардида, аз натиҷааш ба муроҷиаткунанда маълумоти хаттӣ ирсол карда мешавад.

## 7. *Ахбороти тамосӣ*

7.1. Дар сомонаи Кумиатаи андоз (www.andoz. tj) ва тариқи гурӯҳи иттилоотӣ бо рақами телефонии соддакардашудаи «151» андозсупоранда метавонад:

1) аз Кумитаи андоз оид ба гузаронидани чорабиниҳои Кумитаи андоз, суроғаҳои мақомоти андози ҷумҳурӣ ахборот гирад;

2) аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дастурамалҳо, мактубҳои тавзеҳотӣ оид ба масъалаҳои андозбандӣ истифода намояд ва маълумот гирад;

3) аз хизматрасониҳои «утоқи шахсии андозсупоранда» тавассути сомона истифода намояд;

4) дар форуми муҳокимаҳои масъалаҳои гуногуни андозбандӣ оид ба сатҳи хизматрасонии мақомоти андоз ширкат варзад;

5) сатҳи хизматрасониҳои воҳидҳои сохтории мақомоти андоз ва кормандони онро баҳогузорӣ намояд, эрод ва пешниҳодҳои худро манзур намояд.

7.2. Доир ба гирифтани маълумот дар бораи РМА, РЯМ ва РСБ андозсупоранда метавонад бо рақами телефонии соддакардашудаи «152» ба гурӯҳи иттилоотии Кумитаи андоз муроҷиат намояд.

Замимаи № 2
ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «12» июли соли 2017, № 316

## СТАНДАРТИ ЯГОНАИ ХИЗМАТРАСОНӢ БА АНДОЗСУПОРАНДАГОН

| Рамзи хизмат-расонӣ | Номгӯи хизматрасонӣ | Муҳлати ичрои хизматрасониҳо | Лаҳзаи анҷоми хизматрасонӣ ба андозсупоранда | Асос: қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ | Арзиши хизмат-расонӣ | Масъули хизматрасонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 01.00.00. | **Стандарти ягонаи хизматрасонӣ «Оиди баҳисобгирии андозсупорандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузоштан дар баҳисобгирӣ – ба қайди андозӣ»** | | | | | |
| 01.01.01. | Баҳисобгирии шахсони воқеӣ дар мақомоти андоз (додани РМА) | То 1 рӯзи корӣ, баъд аз пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Додани Шаҳодатнома оиди РМА | Моддаҳои 25 ва 26 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибко-рони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 01.01.02. | Баҳисобгирии ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ | То 3 рӯзи корӣ баъд аз пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Додани Шаҳодатнома оиди РМА | Моддаҳои 25 ва 26 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибко-рони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 01.01.03. | Аз баҳисобгирӣ баровардани ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ | То 10 рӯзи корӣ, пас аз тартиб додани санади санҷишӣ хотимавӣ | Додани нусхаи санади санҷишӣ ва қарор аз натиҷаи санҷиш, баргардонидани РМА | Моддаҳои 25 ва 26 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибко-рони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 01.01.04. | Баҳисобгирии намояндагиҳои дипломатӣ ва намояндагии ба онҳо баробаркардашудаи давлати хориҷӣ, ташкилоти байналмилалии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | То 3 рӯзи корӣ баъд аз пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Додани Шаҳодатнома оиди РМА | Моддаҳои 25 ва 26 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибко-рони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 01.01.05. | Баҳисобгирии муассисаи доимии шахсони ҳуқуқӣ-ғайрирезидентҳо | То 3 рӯзи корӣ, пас аз муроҷиати хаттии андозсупоранда | Додани Шаҳодатнома оиди РМА | Моддаи 25, қисми 9, банди 5 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибко-рони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 01.01.06. | Муроҷиати хаттии андозсупоранда оид ба додани мактуби ахборотӣ дар бораи кушодани суратҳисоби бонкӣ | То 3 рӯзи корӣ, баъд аз муроҷиати андозсупоранда | Додани мактуби ахборотӣ | Банди 40 ҚҲҶТ аз 03.08.2013, № 323 «Дар бораи Қоида-ҳои баҳисобгирӣ, додани РМА, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан» | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъба ва бахшҳои баҳисобгирии даромадҳои мақомоти ҳудудии андоз |
| 01.01.07. | Додани рамзҳои сабабҳои баҳисобгирӣ (РСБ) | То 5 рӯзи корӣ баъд аз пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Ворид намудани маълумоти дахлдор ба барномаҳои компютерии СИА ва додани РСБ | Қисми 4 моддаи 26 КАҶТ ва ҚҲҶТ аз 03.08.2013, № 323 «Дар бораи Қоида-ҳои баҳисобгирӣ, додани РМА, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан» | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъба ва бахшҳои баҳисобгирии даромадҳои мақомоти ҳудудии андоз |
| 01.01.08. | Бекор кардани рамзҳои сабабҳои баҳисобгирӣ (РСБ) | То 5 рӯзи корӣ баъд аз пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Ворид намудани маълумоти дахлдор ба барномаҳои компютерии СИА ва бекор кардани РСБ | ҚҲҶТ аз 03.08.2013, № 323 «Дар бораи Қоидаҳои баҳисоб-гирӣ, додани РМА, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъба ва бахшҳои баҳисобгирии даромадҳои мақомоти ҳудудии андоз |
| **02.00.00.** | **Стандарти ягонаи хизматрасонӣ «Оиди бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»** | | | | | |
| 02.02.01. | Қабули ариза ва ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатӣ дар бахшҳои бақайдгирии мақомоти андоз | То 20 дақиқа, баъд аз пешниҳоди ариза ва додани забонхат дар бораи қабули ҳуҷҷатҳо | Забонхат дар бораи қабули ҳуҷҷатҳо | ҚҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибко-рони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.02. | Бақайдгирии давлатии фаъолияти шахси воқеӣ ба | То 3 рӯзи корӣ, аз лаҳзаи | Додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи | ҚҶТ «Дар бораи бақайдгирии | Ройгон анҷом | Бахшҳои бақайдгирии |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | сифати соҳибкори инфиродӣ | гардидани ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | бақайдгирӣ – а) Шаҳодатнома, б) Патент, в) иқтибос | давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | дода мешавад | давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибко-рони инфиродӣ дар |
| 02.02.03. | Бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ | То 3 рӯзи корӣ, аз лаҳзаи пешниҳод гардидани ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи қатъ гардидани фаъолият – иқтибос | ҚҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибко-рони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.04. | Бақайдгирии давлатии таъсисёбии ШҲ ва ворид намудани маълумот ба ФЯД | То 5 рӯзи корӣ, аз лаҳзаи пешниҳод гардидани ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирӣ - Шаҳодатнома (иқтибос) | ҚҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибко-рони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.05. | Бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии ШҲ ва ворид намудани маълумот ба ФЯД | То 5 рӯзи корӣ, аз лаҳзаи пешниҳод гардидани ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи барҳамдиҳӣ – Иқтибос аз ФЯД | ҚҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибко-рони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.06. | Бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар ФЯД | То 5 рӯзи корӣ, аз лаҳзаи пешниҳод гардидани ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирӣ – Шаҳодатнома | ҚҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешава д | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибко-рони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.07. | Бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар ФЯД | То 5 рӯзи корӣ, аз лаҳзаи пешниҳод гардидани ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи қатъ гардидани фаъолият – Иқтибос аз ФЯД | ҚҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибко-рони инфиродӣ дар |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 02.02.08. | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба маълумот оид ба филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар ФЯД | То 3 рӯзи корӣ, аз лаҳзаи пешниҳод гардидани ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирӣ – Иқтибос | ҚҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибко-рони инфиродӣ |
| 02.02.09. | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба маълумот оид ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ФЯД | То 2 рӯзи корӣ, аз лаҳзаи пешниҳод гардидани ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирӣ - Иқтибос аз ФЯД | ҚҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибко-рони инфиродӣ дар |
| 02.02.10. | Гирифтани «Нусха (Дубликат)»-и ҳуҷҷати бақайдгирии давлатии гумшуда (Шаҳодатнома, Патент) | То 2 рӯзи корӣ, аз лаҳзаи пешниҳод гардидани ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ба бахшҳои бақайдгирии мақомоти андоз | Додани «Нусха (Дубликат)»-и ҳуҷҷати бақайдгирии давлатии гумшуда (Шаҳодатнома, Патент) | Қисми 2 моддаи 12, қисми 5 моддаи 23 ва қисми 2 моддаи 30 ҚҶТ «Дар бораи бақайдгирии давла-тии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибко-рони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.11. | Пешниҳоди маълумот аз ФЯД тибқи дархости хаттӣ:<br>а) аз ҷониби андозсупоранда;<br>б) аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо | То 1 рӯзи корӣ, аз лаҳзаи гирифтани дархости хаттӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирӣ - Иқтибос аз ФЯД | Моддаи 9 ҚҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибко-рони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.12. | Ворид намудани маълумот ба ФЯД оиди қатъ гардидани фаъо-лияти соҳибкори инфиродӣ дар асоси қарорҳои суд дар бораи бе-дарак ғоиб шудан, фавтида эъти-роф намудан,қатъи маҷбурӣ,маҳ-рум намудан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ | То 3 рӯзи корӣ, аз рӯзи гирифтани нусхаи қарори дахлдори ба қувваи қонунӣ даромадаи суд | Додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирӣ - Иқтибос аз ФЯД (пешниҳоди нусхаи ҳуҷҷатҳо ба Нозироти андози дахлдор) | ҚҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибко-рони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.13. | Вақти таҳаммул ҳангоми супоридан ва гирифтани ҳуҷҷатҳо | То 20 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | Забонхат дар бораи қабули ҳуҷҷатҳо | Тартиби дохилиидоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибко-рони инфиродӣ |

| 03.00.00. | Стандарти ягонаи хизматрасонӣ «Оиди бақайдгирӣ ва бекор кардани шаҳодатномаи андоз аз арзиши иловашуда ва додани тамғаҳои аксизӣ» | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 03.03.01. | Бақайдгирии электронии шахсони ҳуқуқӣ ва ғайрирезидентхо ҳамчун супорандагони ААИ ва додани Шаҳодатномаи бақайдгирӣ (дубликат, нусха) | То 10 рӯзи корӣ баъди пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирӣ – Шаҳодатномаи бақайдгирӣ доир ба ААИ (дубликат, нусха) | Моддаи 162 КАҶТ ва Дастурамал «Дар бораи тартиби хисоб ва пардохт намудани ААИ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз |
| 03.03.02. | Додани Шаҳодатнома оид ба markaзнавбақайдгирии ААИ нисбати ворис ва ё шахсоне, ки аз корхонаҳои асосӣ ҷудо шудаанд | То 3 рӯзи корӣ пас аз кабули ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирӣ-нусхаи Шаҳо- датномаи бақайд- гирӣ доир ба ААИ | Моддаи 162 КАҶТ ва Дастурамал «Дар бораи тартиби хисоб ва пардохт намудани ААИ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз |
| 03.03.03. | Бекор кардани бақайдгирии супорандаи ААИ ва хориҷ намудани андозсупоранда аз Феҳристи супорандагони ААИ | Пас аз гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатӣ, баъд аз 10 рӯзи бекор шудани бақайдгирӣ | Додани санади санҷиши ҳуҷҷатӣ, қарор аз натиҷаи санҷиш | Моддаи 163 КАҶТ ва Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани ААИ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз |
| 03.03.04. | Муроҷиати хаттии андозсупоранда бо замимаи ҳуҷҷатҳои лозима оиди аз андози арзиши иловашуда озод кардани таҳвили молҳои (корҳо, хизматрасониҳои) аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳои қарзӣ (грантӣ) маблағгузорӣ шаванда. | То 30 рӯзи кори пас аз қабули ариза ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои пешбининамуда қонунгузорӣ | Ворид намудан ба феҳристи истифода-барандагони имтиёзҳо | Моддаи 192 КАҶТ ва ЌҲҶ аз 02.05.2011, №211 «Дар бораи Тартиби аз ААИ озод намудани таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳо маблағгузоришаванда» | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз |
| 03.03.05. | Додани тамғаҳои аксизӣ бо муроҷиати хаттии андозсупоранда | То 2 рӯзи корӣ пас аз қабули ариза ва пешниҳоди ҳисоботҳо оид ба аксиз | Додани тамғаҳои аксизӣ | Моддаи 210 КАҶТ ва Дастурамал «Дар бораи ҳисоб ва пардохт намудани аксизҳо» | Арзиши тамғаҳои аксизӣ тибқи ЌҲҶ муайян карда мешавад | Раёсати молиявию хоҷагидорӣ ва Раёсати ташкили андозбандии КА |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 03.03.06. | Вақти таҳаммул ҳангоми супоридан ва гирифтани ҳуҷҷатҳои лозимӣ | То 20 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | | Тартиби дохилиидоравӣ | | |
| **04.00.00.** | **Стандарти ягонаи хизматрасонӣ «Оиди баҳисобгирии (бақайдгирии) объектҳои андозбандӣ (андозҳо аз молу мулки ғайриманқул, воситаҳои нақлиёт) ва объектҳои ба андозбандӣ** | | | | | |
| 04.04.01. | Баҳисобгирии (бақайдгирии) молу мулки ғайриманқул (аз ҷумла объектҳои ғайриманқул ва замин), воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ (аз ҷумла воҳидҳои махсуси онҳо), шахсони воқеӣ, филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ (сохторҳои зертобеи онҳо) | То 3 рӯзи корӣ пас аз ба миён омадани ухдадорӣ, бо пешниҳоди ариза ё бо ташабуси мақомоти андоз | Ворид намудани маълумотҳои дахлдор ба барномаҳои СИА ва варақаҳои андозсупоранда дар Нозироти андоз | Моддаи 25 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии мақомоти ҳудудии андоз |
| 04.04.02. | Баҳисобгирии (бақайдгирии) иҷорадиҳандагони молу мулки ғайриманқул, воситаҳои нақлиёт ва ғайраҳо (шахсони воқеъӣ) | То 1 рӯзи корӣ аз лаҳзаи муроҷиати андозсупоранда | Додани маълумотнома | Моддаи 100 КАҶТ ва Дастурамали «Ҳисоб ва пардохти андоз аз даромади шахсони воқеӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсо- ни воқеии мақомоти ҳудудии андоз |
| 04.04.03. | Додани огоҳиномаҳо оид ба пардохти маблағҳои ҳисоб- шудаи андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони | На дертар аз 1 майи соли ҷорӣ | Додани огоҳинома | Моддаҳои 45 ва 281 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсо- ни воқеии мақомоти ҳудудии |
| 04.04.04. | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба барномаи компютерии СИА ҳангоми иваз шудани соҳибмулк ва ё зиёду кам шудани масоҳати молу мулки ғайриманқул | Дар давоми 1 рӯзи корӣ аз лаҳзаи муроҷиати андозсупоранда ё бо ташабуси мақомоти андоз | Ворид намудани маълумотҳои дахлдор ба барно- маҳои СИА ва варақаҳои андоз- супоранда дар Нозироти андоз | Моддаи 25 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии мақомоти ҳудудии андоз |
| 04.04.05. | Вақти таҳаммул ҳангоми супоридан ва гирифтани ҳуҷҷатҳои лозимӣ | То 20 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | | Тартиби дохилиидоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсо- ни воқеии мақомоти ҳудудии |
| **05.00.00.** | **Стандарти ягонаи хизматрасонӣ «Оиди бақайдгирӣ ва аз қайд баровардани мошинаҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ** | | | | | |
| 05.05.01. | Бақайдгирии (аз қайд баровардани) МНХ | То 2 рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои лозима | Ворид намудани маълумот ба Барномаи СИА «Бақайдгирии ва | Мутобиқи моддаи 38 КАҶТ, ҚҲҶТ аз 02.05.2013, №210 | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | назорати МНХ» ва додани ҳуҷҷатҳои тасдиккунандаи бақайдгирии МНХ | | | андоз |
| 05.05.02. | Бо дастхат ва мухр тасдиқ наму-дани Китоби бақайдгирии маб-лағҳои нақди тавассути МНХ аз харидорони мол ё хизматрасонӣ гирифташуда (Дафтарро андоз-супоранда пешниҳод менамояд) | Дар муҳлати 15 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | Бо имзо ва муҳр тасдиқ намудан ва баргардони-дани Китоб ба андозсупоранда | ҚҲЧТ аз 02.05.2013 №210 | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз |
| 05.05.03. | Вақти таҳаммул дар навбат ҳангоми супоридан ва гирифтани ҳуҷҷатҳои лозимӣ | То 20 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | | Тартиби дохилиидоравӣ | | Шуъбаи хизматрасо-нӣ ба андозсупоран-дагони мақомоти |
| **06.00.00.** | **Стандарти ягонаи хизматрасонӣ «Оиди қабули эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз»** | | | | | |
| 06.06.01. | Ќабул намудани эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз аз андозсу-поранда ва дохил намудани маълумотҳо ба барномаи СИА | Дар муҳлати на зиёда аз 15 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) ва дар давоми то 24 соат баъд аз қабули эъломия-ҳо ворид намудани маълумотҳо ба барнома | Баргардонидани нусхаи дуюми эъломия ва гузоштани қайди дахлдор дар он | Моддаҳои 51 ва 53 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз |
| 06.06.02. | Ќабул намудани эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз оид ба даромад ва вазъи амволи хизматчии давлатӣ ва дохил намудани маълумотҳо ба барномаи СИА | То санаи 1 апрел, баъди ба охир расидани соли ҳисоботӣ. Дар муҳлати на зиёда аз 15 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надошта-ни навбат) ва дар давоми то 24 соат баъд аз қабули эъломияҳо ворид наму-дани маълумотҳо ба барнома | Додани маълумотнома (нусхаи дуюми эъломия бо дастхати қабул). | Моддаи 156 КАҶТ, ҚҲЧТ аз 01.08.2005, № 289 | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии мақомоти ҳудудии андоз |
| 06.06.03. | Бақайдгирӣ ва бо муҳр тасдиқ намудани Китоби баҳисобгирии даромад ва хароҷоти андозсупо-рандагоне (шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ), ки низоми соддакардашу-даи андозбандиро истифода мебаранд | То 20 дақиқа аз лаҳзаи мурочиат (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | Бо имзо ва муҳр тасдиқ намудан ва баргардонида-ни Китоб | Моддаҳои 293 ва 300 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 06.06.04. | Фиристонидани огоҳиномаҳо ба суроғаи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои андозро пешниҳод накардаанд | Аз санаи 1-уми то санаи 30-уми моҳи минбаъдаи давраи ҳисоботӣ | Пешниҳоди огоҳинома | Моддаи 45 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони маќомоти |
| **07.00.00.** | **Стандарти ягонаи хизматрасонӣ «Оиди хизматрасониҳои электронӣ»** | | | | | |
| 07.07.01. | Додани калид ва рамз оиди пешниҳоди эъломияҳо дар шакли электронӣ ба муҳлати 3 сол | То 2 рӯзи корӣ баъд аз бастани шартнома ва пардохти маблағ | Додани калид ва рамз | Тартиби дохилиидоравӣ | а)Муаллифи кунонии мобилӣ:<br>- корхонаи давлатӣ – 110 сомонӣ;<br>-дигар субъектҳо 128 сомонӣ<br>б)Муаллифи кунони бо тариқи eТокен барои корхонаҳои дар низоми умумӣ фаъолият дошта;<br>- корхонаи давлатӣ (тамдид) – 300 сомонӣ;<br>-дигар субъектҳо | КВД «Маркази баромасозии маъмурикунонии андоз»-и КА |
| 07.07.02. | Тариқи шабакаи Интернет ирсол намудани эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз дар шакли электронӣ | То 5 дақиқа аз лаҳзаи ирсоли эъломияи электронӣ | Ирсол намудани SMS оиди қабул шудани эъломия ба андозсупоранда | Моддаҳои 17, 51 КАҶТ, Тартиби дохилиидоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад | КВД «Маркази баромасозии маъмурикунонии андоз»-и КА |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 07.07.03. | Тариқи Терминалҳои хизматрасонӣ ирсол намудани эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз дар шакли электронӣ | То 10 дақиқа аз лаҳзаи муроҷиат ба шахси масъул дар Терминал (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | Ирсол намудани SMS оиди қабул шудани эъломия ба андозсупоранда | Моддаи 17, 51 КАҶТ, Тартиби дохилиидоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомо- |
| 07.07.04. | Пешниҳоди эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз аз даромади шахсони воқеӣ барои соли ҳисоботӣ | То санаи 1 апрел, баъди ба охир расидани соли ҳисоботӣ | Дарҷи маълумот-ҳо ба ҳисобварақа ва додани маълумотнома (нусхаи дуюми эъломия бо дастхати қабул) | Моддаи 156 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии мақомоти ҳудудии андоз |
| 07.07.05. | Пешниҳоди эъломияҳои андоз аз даромад, вазъи амволи хизматчиёни давлатӣ барои соли ҳисоботӣ | То санаи 1 апрел, баъди ба охир расидани соли ҳисоботӣ | Дарҷи маълумот-ҳо ба ҳисобварақа ва додани маълумотнома (нусхаи дуюми эъломия бо дастхати қабул) | Моддаи 156 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии мақомоти ҳудудии андоз |
| 07.07.06. | Огоҳонидани андозсупоранда (SMS-ҳо) оид ба пардохти маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо (бақияи қарзи андозҳо) | Баъди санаи 15-уми моҳи ҳисоботӣ то санаи 30-ум | Додани огоҳномаҳо (SMS-ҳо) | Моддаи 45 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | КВД «Маркази бароМасозии маъмурикунонии андоз»-и КА |
| **08.00.00.** | **Стандарти ягонаи хизматрасонӣ «Оиди додани маълумотномаҳо дар бораи ҳолати ҳисоббаробаркунӣ бо буҷети давлатӣ, тартиб додани санади муқоисавӣ ва ғ.»** | | | | | |
| 08.08.01. | Додани маълумотнома ба андозсупоранда дар бораи мавҷуд набудани қарзҳои андоз | На дертар аз 5 рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани аризаи хаттӣ ва пас аз гузаронидани санади муқоисавӣ | Додани нусхаи маълумотнома ва санади муқоисавӣ | Моддаҳои 18 ва 90 КАҶТ, Дастурамали «Тартиби дар Нозироти андоз бурдани баҳисобгирии фаврии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъба ва бахшҳои баҳисобгирии даромадҳои мақомоти ҳудудии андоз |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 08.08.02. | Додани маълумотнома ба андозсупорандагон-шахсони воқеӣ дар бораи мавҷуд набудани қарзи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва андоз аз воситаҳои нақлиёт | На дертар аз 1 рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани аризаи хаттӣ | Додани маълумотнома | Фасли XV КАҶТ, Дастурамал «Оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо аз молу мулки ғайри-манқул», Дастур-амал «Дар бораи ҳисобкунӣ ва пар-дохти андоз аз воситаҳои нақлиёт» | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии мақомоти ҳудудии андоз |
| 08.08.03. | Додани маълумотнома дар бораи пардохти андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ бо мақсади таъмини ҳифзи иҷтимоии СИ (Патент ва Хоҷагии деҳқонӣ) | На дертар аз 1 рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани аризаи хаттӣ | Додани маълумотнома | Моддаҳои 212 - 218 КАҶТ, Дастурамал «Дар бораи ҳисоб ва пардохт намудани андози иҷтимоӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз |
| 08.08.04. | Баррасии маблағҳои саҳван (номуайян) ба буҷет воридшуда тибқи муроҷиати андозсупорандагон | То 5 рӯзи корӣ баъд аз муроҷиати андозсупоранда | Додани нусхаи санади муқоисавӣ | Тартиби дохилиидоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъба ва бахшҳои баҳисобгирии даро-мадҳои мақомоти ҳудудии андоз |
| 08.08.05. | Тартиб додани санади муқоисавӣ | То 3 рӯзи корӣ аз лаҳзаи муроҷиати андозсупоранда | Додани нусхаи санади муқоисавӣ | Моддаҳои 18 ва 90 КАҶТ, Дастурамали «Тартиби дар Нозироти андоз бурдани баҳисобги-рии фаврии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъба ва бахш-ҳои баҳисобгирии даромадҳо ва Шуъбаи хизматра-сонӣ ба андозсупо-рандагони мақомо-ти ҳудудии андоз |
| 08.08.06. | Вақти таҳаммул ҳангоми супори-дан ва гирифтани ҳуҷҷатҳо | То 15 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | | Тартиби дохилиидоравӣ | | |
| **09.00.00.** | **Стандарти ягонаи хизматрасонӣ «Оиди додани маълумотнома дар бораи маблағҳои даромадҳои гирифташуда аз сарчашмаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андозҳои нигоҳдошташуда»** | | | | | |
| 09.09.01. | Баррасӣ намудани муроҷиати ғайрирезидент оиди татбиқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ | То 10 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ариза дар се нусха ва замимаи | Тасдиқ ё рад наму-дани татбиқи му-қаррароти шартно-маи байналхалқии | Моддаи 137 КАҶТ, Дастурамал «Дар бораи ситонидани | Ройгон анҷом дода мешавад | Раёсати ҳамкории байналмилалии ва андозбандии КА, мақомоти ҳудудии |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҳуҷҷатҳои лозима | дар аризаи пешниҳод гардида ва баргардонидани он | андоз аз даромад дар манбаи пардохт» | | андоз |
| 09.09.02. | Додани маълумотнома ба ғайрирезидент оиди даромадҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифташуда ва андозҳои нигоҳдошташуда | То 5 рӯзи корӣ (дар асоси аризаи хаттӣ) | Додани маълумотнома | Моддаи 18 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Раёсати ҳамкории байналмилалии ва андозбандии КА, мақомоти ҳудудии андоз |
| 09.09.03. | Вақти таҳаммул ҳангоми супоридан ва гирифтани ҳуҷҷатҳои лозимӣ | То 15 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | | Тартиби дохилиидоравӣ | | |
| **10.00.00.** | **Стандарти ягонаи хизматрасонӣ «Оиди додани хулоса ҷиҳати баргардонидан ва ё баҳисобгирии маблағи барзиёд пардохташудаи андозҳо, фоизҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»** | | | | | |
| 10.10.01. | Додани хулоса оиди баргардонидани ААИ ба андозсупорандае, ки на камтар аз 70 фоизи муомилоти андозбандишавандааш дар давраи ҳисоботӣ бояд тибқи меъёри сифр бо ААИ андозбандӣ шавад | То 20 рӯзи тақвимӣ баъд аз гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатӣ эътимоднокии маблағи ААИ баргардонидашаванда (дар асоси муроҷиати андозсупоранда) | Додани хулоса ва санади санҷишӣ | Моддаи 191 КАҶТ, Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани ААИ», ҚҲҶТ аз 10.05.2005, №175 «Дар бораи аз буҷети ҷумҳу-риявӣ баргардонидани ААИ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Раёсати ташкили андозбандии КА, мақомоти ҳудудии андоз |
| 10.10.02. | Додани хулоса оиди баргардонидани ААИ ба андозсупорандае, ки камтар аз 70 фоизи муомилоти андозбандишавандааш дар давраи ҳисоботӣ бояд тибқи меъёри сифр бо ААИ андозбандӣ шавад | То 30 рӯзи тақвимӣ баъд аз гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатӣ эътимоднокии маблағи ААИ баргардонидашаванда (дар асоси муроҷиати андозсупоранда) | Додани хулоса ва санади санҷишӣ | Моддаи 191 КАҶТ, Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани ААИ», ҚҲҶТ аз 10.05.2005 №175 «Дар бораи аз буҷети ҷумҳуриявӣ баргардонидани ААИ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Раёсати ташкили андозбандии КА, мақомоти ҳудудии андоз |
| 10.10.03. | Додани хулоса оиди баргардонидани ААИ ба намояндагиҳои дипломатӣ, консулгарӣ, намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашуда, инчунин ҳайати кормандони | То 30 рӯзи тақвимӣ пас аз гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатии эътимоднокии маблағи ААИ | Додани хулоса ва санади санҷишӣ | Моддаи 193 КАҶТ, ҚҲҶТ аз 6 июни 2005, №205 «Дар бораи тасдиқи тартиби озод наму-дан аз андозҳо ва | Ройгон анҷом дода мешавад | Раёсати ташкили андозбандии КА, Раёсати ҳамкории байналмилалии ва андозбандии КА, Раёсати |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | онҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия шудаанд | (дар асоси муроҷиати андозсупоранда) | | додани дигар имтиёзот, баргардонидани ААИ ба намояндагиҳои дипломатӣ, консулгарӣ ва намо- яндагиҳои ба онҳо баробаркардашуда, инчунин ҳайати кормандони онҳо, ки дар ҶТ аккредитат- | | баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳои КА, Раёсатҳои андоз дар шаҳри Душанбе ва вилоятҳо |
| 10.10.04. | Баррасии муроҷиат оиди баргардонидани маблағи андози аксизӣ аз рӯи содироти молҳои зераксизӣ | То 30 рӯзи тақвимӣ, баъд аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдор | Додани маълумоти хаттӣ | Моддаи 209 КАҶТ ва Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани аксизҳо», | Ройгон анҷом дода мешавад | Раёсатиташкили андозбандии КА, Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳои КА, мақомоти худудии андоз |
| 10.10.05. | Баррасии муроҷиати андозсупоранда оиди баргардонидани андози аксизӣ пас аз баҳисобгирии аксиз барои захираҳои истеҳсолӣ | То 30 рӯзи тақвимӣ, баъд аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдор | Додани маълумоти хаттӣ | Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани аксизҳо» | Ройгон анҷом дода мешавад | Раёсатиташкили андозбандии КА, Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳои КА, мақомоти худудии андоз |
| 10.10.06. | Вақти таҳаммул ҳангоми супоридан ва гирифтани ҳуҷҷатҳо | То 15 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | Додани хулоса ва санади санҷишӣ | Тартиби дохилиидоравӣ | | |
| **11.00.00.** | **Стандарти ягонаи хизматрасонӣ «Оиди додани тасдиқнома ҳангоми содироти алюминияи аввалия»** | | | | | |
| 11.11.01. | Додани тасдиқнома барои содироти алюминийи аввалия | То 30 дақиқа баъд аз пешниҳоди ҳуҷҷати пардохти андоз аз фурӯш | Додани тасдиқнома | Моддаи 260 КАҶТ, Дастурамали «Тартиби ҳисоб ва пардохти андози фурӯш» | Ройгон анҷом дода мешавад | НАК |
| **12.00.00.** | **Стандарти ягонаи хизматрасонӣ «Оиди бақайдгирии объектҳои бизнеси бозӣ»** | | | | | |
| 12.12.01. | Бақайдгирии объектҳои бизнеси бозӣ (ворид намудани тағийроти миқдории объектҳо | То 1 рӯзи корӣ аз лаҳзаи муроҷиати андозсупоранда (на дертар аз 10 | Додани Шаҳодатномаи дахлдор | Қисмҳои 2,4,5 ва 6-и моддаи 308 КАҶТ, қарори дахлдори | Ройгон анҷом дода | мақомоти ҳудудии андоз |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ё қатъ гардидани татбиқ (истифодаи) объектҳо) | рӯзи тақвимӣ то санаи оғози (қатъи) татбиқи (истифодаи) объекти | | мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | мешавад | |
| 12.12.02. | Бақайдгирии барориши лоторея ба фурӯш (анҷом додани фурӯши чиптаҳои лоторея) | То 1 рӯзи корӣ аз лаҳзаи муроҷиати андозсупоранда (на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ то санаи оғози (анҷоми) фурӯши чиптаҳои лоторея) | Додани Шаҳодатномаи дахлдор | Қисмҳои 2,4,5 ва 6-и моддаи 308 КАҶТ, қарори дахлдори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Ройгон анҷом дода мешавад | мақомоти ҳудудии андоз |
| **13.00.00.** | **Стандарти ягонаи хизматрасонӣ «Оиди гузариш аз як низоми андозбандӣ ба дигар низоми андозбандӣ»** | | | | | |
| 13.13.01. | **<u>Гузариш:</u>**<br>- аз тартиби андозбандӣ тибқи Патент ба Шаҳодатнома | То 3 рӯзи корӣ аз лаҳзаи муроҷиати андозсупоранда ё бо ташабуси мақомоти андоз | Бо тартиби муқарраргардида | Моддаи 284 КАҶТ, ҚҲҶТ аз 31.08.2012, №451 | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз |
| | - аз СИ ба шахси ҳуқуқӣ | То 5 рӯзи корӣ пас аз пешниҳоди ариза ва гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатӣ | Бо тартиби муқарраргардида | Моддаҳои 209 ва 291 КАҶТ, ҚҲҶТ аз 31.08.2012, №451 | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз |
| | - аз низоми содакардашудаи андозбандӣ ба низоми умумии андозбандӣ | То 1 рӯзи корӣ пас аз қабули аризаи андозсупоранда ё бо ташабуси мақомоти андоз | Бо тартиби муқарраргардида | Моддаи 291 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз |
| | - аз низоми умумии андозбандӣ ба низоми содакардашудаи андозбандӣ | То 15 рӯзи корӣ пас аз аризаи андозсупоранда ё бо ташабуси мақомоти андоз | Бо тартиби муқарраргардида | Моддаи 291 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз |
| 13.13.02. | Муроҷиати хаттии андозсупоранда бо замимаи ҳуҷҷатҳои лозима оид ба бақайдгирии корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта, пӯст, пашм, абрешими хом ва дигар ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ ба маҳсулоти ниҳоӣ машғул | То 1 моҳ | Додани маълумотнома тибқи шакли муқарраршуда | Моддаи 313 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Раёсати ташкили андозбандии КА, мақомоти ҳудудии андоз |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | мебошанд, барои истифодаи имтиёзҳои пешбинишуда | | | | | |
| **14.00.00.** | **Стандарти ягонаи хизматрасонӣ «Оиди пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳотӣ»** | | | | | |
| 14.14.01. | Гузаронидани семинарҳо, ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар маҳалҳо вобаста ба татбиқи қонунгузории андоз | То 30 рӯзи тақвимӣ баъд аз қабули фармоиши дахлдор Дар мӯҳлатҳои муқарраршуда мутобиқи нақшаи тасдиқкардашуда | Бо тартиби муқарраргардида | Тартиби дохилиидоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад | Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони КА, Раёсатҳои Дастгоҳи марказии КА, Раёсатҳои андоз дар шаҳри Душанбе ва вилоятҳо, шуъба ва бахшҳои мақомоти ҳудудии андоз |
| 14.14.02. | Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи эътимоднокии андозсупорандагон ба хизматрасониҳои мақомоти андоз | Дар давоми соли ҳисоботӣ (доимӣ) тибқи нақшаи корӣ | Бо тартиби муқарраргардида | Тартиби дохилиидоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад | Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони КА, Раёсатҳои Дастгоҳи марказии КА, Раёсатҳои андоз дар шаҳри Душанбе ва вилоятҳо, шуъба ва бахшҳои мақомоти ҳудудии андоз |
| 14.14.03. | Таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодии андозсупорандагон, саҳми онҳо дар ташаккулёбии буҷет ва муайян намудани андозсупорандагони беҳтарини соли ҳисоботӣ | То санаи 25-уми декабри соли ҳисоботӣ | Ҳавасмандгардонӣ ва интишори васеъи номгуи андозсупорандагони беҳтарин дар воситаҳои ахбори омма | Тартиби дохилиидоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад | Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони КА, Раёсатҳои Дастгоҳи марказии КА, Раёсатҳои андоз дар шаҳри Душанбе ва вилоятҳо, шуъба ва бахшҳои мақомоти ҳудудии андоз |
| **15.00.00.** | **Стандарти ягонаи хизматрасонӣ «Оиди баррасии муроҷиатҳои андозсупорандагон»** | | | | | |
| 15.15.01. | Муроҷиатҳои андозсупорандагон ва мақомоти ҳудудии андоз вобаста ба гузаронидани санҷишҳо (санҷиши навбатӣ, барҳамдиҳии ШҲ, қатъ намудани фаъолияти СИ ва ғ.) | То 10 рӯзи корӣ баъд аз муроҷиат | Ирсол намудани огоҳинома ва ё мактуби ҷавобӣ | ҚҶТ «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» Моддаи 29 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Раёсати санҷиши андозҳои КА, шуъбаи санҷиши андозҳо ва шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 15.15.02. | Мурочиатҳои андозсупорандагон, бахшҳои бақайдгирӣ вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ФЯД (иваз намудани роҳбари корхона, муассисон, суроғаи ҳуқуқӣ, ҳаҷми сармояи оинномавӣ ва ғ.) | То 3 рӯзи корӣ баъд аз мурочиат | Ирсол намудани мактуби ҷавобӣ | ҚҶТ «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон», ҚҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон анҷом дода мешавад | Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони КА, Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 15.15.03. | Мурочиатҳои андозсупорандагон вобаста ба МНХ | То 5 рӯзи корӣ баъд аз мурочиат | Ирсол намудани мактуби ҷавобӣ | ҚҶТ «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон» | Ройгон анҷом дода мешавад | Шуъбаи фаврии Раёсати санҷиши андозҳои КА |
| 15.15.04. | Бақайдгирӣ ва баррасии шикоятҳои (аризаҳои даъвогии) андозсупоранда аз болои қарорҳо, санадҳои мақомоти андоз, амал ва ё беамалии кормандон дар Шӯрои апеллятсионии КА | То 30 рӯзи тақвимӣ | Додани маълумоти хаттӣ ба шикояткунанда оид ба қарори қабулгардида | Моддаи 81 КАҶТ | Ройгон анҷом дода мешавад | Шӯрои апеллятсионии КА |
| 15.15.05. | Посух ба мурочиати хаттии андозсупоранда, аз ҷумла додани тавзеҳот оиди қонунгузории андоз | То 30 рӯзи тақвимӣ | Ирсол намудани мактуби ҷавобӣ | Моддаи 46 КАҶТ, ҚҲҶТ «Дар бораи тасдиқи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар вазорату кумитаҳои | Ройгон анҷом дода мешавад | Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андози КА |
| 15.15.06. | Мурочиати шифоҳии андозсупоранда оиди додани маълумот вобаста ба татбиқи қонунгузории андоз:<br>- бо роҳи ҳозир шудан | То 10 дақиқа (ҳангоми вуҷуд надоштани навбат) | Дарёфти посух | Тартиби дохилиидоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад | Раёсатҳои Дастгоҳи марказии КА, мақомоти худудии андоз |
| | - бо рақами телефони соддакардашудаи «151» | То 1 рӯзи корӣ аз лаҳзаи мурочиат | Дарёфти посух | Тартиби дохилиидоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад | Бахши иттилоотии Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупоран- |
| 15.15.07. | Мурочиати андозсупоранда бо истифода аз почтаи электронии КА (mail.andoztj.) | То 5 рӯзи корӣ аз рӯзи қабули дархост | Ирсол намудани посух тавассути почтаи электронӣ | Тартиби дохилиидоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад | Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони КА, Раёсатҳои Дастгоҳи |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 15.15.8. | Муроҷиатҳои шаҳрвандон ва андозсупорандагон вобаста ба кушодани утоқи инфиродии андозсупоранда дар шакли электронӣ (сомонаи КА) | То 2 рӯзи корӣ аз лаҳзаи муроҷиати андозсупоранда | Додани логин ва парол оиди истифодабарии утоқи инфиродии андозсупоранда | Тартиби дохилиидоравӣ | Ройгон анҷом дода мешавад | КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз»-и КА |

**Эзоҳ:**

1. Вобаста ба сатҳи хизматрасонӣ дар мақомоти андоз, андозсупоранда метавонад бо **рақами телефонии соддакардашудаи «151» ба гурӯҳи иттилоотии Кумитаи андоз** арзу шикоятҳои худро иброз намояд.

2. Доир ба гирифтани маълумот дар бораи РМА, РЯМ ва РСБ андозсупоранда метавонад бо **рақами телефонии соддакардашудаи «152» ба гурӯҳи иттилоотии Кумитаи андоз** муроҷиат намояд.

3. Барои дарёфти маълумоти муфассалтар андозсупоранда метавонад аз фасли «Сифати хизматрасонии андозӣ»-и сомонаи (web – портали) Кумитаи андоз бо суроғаи www.andoz.tj истифода намояд.

4. Хизматрасониҳо аз ҷониби мақомоти андоз дар ҳолатҳои пешбинигардида, дар сурати аз ҷониби истеъмолкунандаи хизматрасонӣ пурра пешниҳод шудани ҳуҷҷатҳои лозима анҷом дода мешавад.

5. Шаклҳои варақаҳои аризаҳо, ки барои аз хизматрасониҳои мақомоти андоз истифода намудан лозим мебошанд, дар фасли «Сифати хизматрасонии андозӣ»-и сомонаи (web –портали) Кумитаи андоз бо суроғаи www.andoz.tj ҷойгир карда шудаанд ва андозсупоранда дар мавриди ба миён омадани талабот оиди истифода намудани хизматрасониҳои мақомоти андоз, имконияти бемамониат истифодабарии шаклҳои аризаҳои мутобиқи қонунгузорӣ тасдиқгардидаро дорад.

**Ихтисорҳои шартӣ:**

ААИ – Андоз аз арзиши иловашуда;
КАҶТ – Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;
КА – Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ҚҶТ – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ҚҲҶТ – Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
МНХ – Мошинаи назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ;
НБҲ – нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
РМА – Рақами мушаххаси андозсупоранда;
РЯМ – Рақами ягонаи мушаххас;
СИ – Соҳибкори инфиродӣ;
ШҲ – Шахси ҳуқуқӣ;
СИА – Системаи иттилоотии андоз (барномаҳои компютерӣ);
СЯХА – Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон**;**
ФЯД – Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ.